# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода А.Н. ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. (Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад. Диссертатсия ба масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта, аз ҷумла мафҳум, субъектҳо, объектҳо, шартномаҳои суғурта, механизмҳои танзими давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкрон ҳамчун суғурташавандагон бахшида шудааст, ки дар доираи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи тахқиқот.** Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода А.Н. пеш аз ҳама бо рушди бозори суғурта ҳамчун ҷузъи муҳими инфрасохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар ҳифзи хатарҳои соҳибкорӣ алоқаманд аст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, афзоиши рақобат ва тағйирёбии иқлим, таъмини ҳолати ҳуқуқии самараноки фаъолияти суғуртавӣ барои устувории соҳибкорон ва ҳифзи манфиатҳои онҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Мубрамияти мавзӯъ инчунин аз зарурати такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи суғурта, хусусан пас аз қабули ислоҳоти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар солҳои 2023-

2025, ҷорӣ намудани унсурҳои стандартҳои байналмилалӣ (Solvency II, IFRS 17) ва рақамисозии низоми молиявӣ сарчашма мегирад.

Ҷанбаи дигари мубрамият набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи ватанӣ дар шароити муосир мебошад. Мавҷудияти мушкилоти ҳуқуқӣ, аз қабили радди беасоси пардохтҳо, таъхири тулонии баррасии даъвоҳо, набудани фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, заифии шаффофияти иттилоотӣ, ҳамчунин зарурати ҷорӣ намудани намудҳои нави суғурта (суғуртаи киберӣ, суғуртаи гурӯҳӣ, суғуртаи қатъи фаъолият) – ҳамаи ин далели зарурати таҳқиқоти мазкур мебошад.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ бо зарурати таҳлили назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта, муайян намудани самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ ва таҳияи пешниҳодоти илмӣ асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода А.Н. дар он ифода меёбад, ки бори наввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023-2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар доираи таҳқиқот:

- мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ муайян ва асоснок карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи он (таваккал ҳамчун объекти мустақими фаъолият) ошкор гардидаанд;

- аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ таҳлил гардида, хусусияти

алеаторӣ, ҷубронӣ ва ҳимоявии онҳо муайян карда шудаанд;

- мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта (радди пардохтҳо, набудани фонди кафолат, омбудсмен, пастии шаффофият) мушаххас карда шудаанд;

- таҳлили муқоисавии қонунгузории суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории Федератсияи Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса, Канада ва дигар кишварҳо гузаронида шуда, самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ муайян гардидаанд;

- механизмҳои ҳуқуқии такмили танзим (таъсиси фонди кафолат, омбудсмен, ҳавасмандгардонии андозӣ, низоми стресс-тестҳо, суғуртаи киберӣ ва гурӯҳӣ) пешниҳод карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ бо аломатҳои асосии зерин эътироф карда мешавад: мустақилият, бонизомӣ ва доимӣ будан, таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда), мақсади гирифтани фоида. Хусусияти асосии он дар он зоҳир мешавад, ки таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти мустақими фаъолият баромад мекунад.

2. Шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ дорои аломатҳои алеаторӣ (таваккалӣ), ҷубронӣ, ҳимоявӣ-пешгирӣ буда, шаклҳои асосии онҳо ихтиёрӣ (озодии интихоби хатарҳо) ва ҳатмӣ (ҳимояи манфиатҳои ҷомеа) мебошанд. Дар шароити Тоҷикистон афзалият бо суғуртаҳои ҳатмӣ боқӣ мемонад.

3. Мушкилоти калидии ҳуқуқӣ ва амалӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон инҳоянд: норасоии механизмҳои муассири ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои радди пардохтҳо ё таъхирҳои тулонӣ; пастии шаффофият ва дастрасии маҳдуд ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ; набудани фонди кафолати пардохтҳо ва омбудсмени суғуртавӣ; маҳдудияти намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ (хусусан суғуртаи таваккали

соҳибкорӣ, суғуртаи киберӣ, қатъи фаъолият ва масъулияти маҳсулот).

4. Роҳҳои асосии такмили танзими ҳуқуқӣ инҳоянд: ислоҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (ворид намудани бобҳои нав оид ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, киберӣ, гурӯҳӣ, масъулияти маҳсулот); таъсиси фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ ва институти омбудсмени суғурта; ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии андозӣ барои соҳибкорон; такмили талаботҳои капиталӣ ва идоракунии хавфҳо мувофиқи принсипҳои Solvency II.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ (таҳлил ва синтез, муқоиса, системавӣ-функсионалӣ, таърихӣ, ҳуқуқии муқоисавӣ, формалӣ-ҳуқуқӣ, методҳои сохторӣ-функсионалӣ, моделсозӣ) таъмин карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳо ба заминаи мустаҳками назариявӣ ва меъёрӣ асос ёфтааст. Дар ҷараёни таҳқиқот Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», қонунҳои махсуси соҳавӣ (суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи амонату пасандозҳо, суғуртаи нафақавӣ ва ғайра), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин амалияи судӣ (парвандаҳои иқтисодӣ аз солҳои 2019-2021) мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Асоснокии хулосаҳо инчунин бо истифода аз осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи суғурта, аз ҷумла Ш.М. Исмаилов, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, М.А. Маҳмудов, П.З. Мирзозода, инчунин А.В. Золотухин, И.А. Волкова, А.В. Брызгалин, С.В. Жучков, О.А. Кабышев, В.А. Копылов, И.В. Лаптева, А.Г. Савин, М.И. Чаава ва дигарон, таъмин карда мешавад.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ (Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Фаронса, Олмон, Канада, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Украина, Қирғизистон, Арманистон, Туркманистон, Молдова) ва стандартҳои байналмилалӣ (Solvency II, IFRS 17) имконият дод, ки самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ муайян ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ таҳия гарданд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба натиҷаҳои таҳлили қонунгузории амалкунанда, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ (парвандаҳои судӣ), омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва мушкилоти воқеии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ такя намуда, хусусияти мантиқӣ, пайдарпай ва илмӣ доранд.

**Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, омӯзиши амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ, ҳамчунин таҳлили оморӣ (зиёда аз 200 сарчашмаи илмӣ ва ҳуқуқӣ) таъмин гардидааст.

Навгонии илмии диссертатсия, тавре қайд гардид, дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистон дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ, муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои он, таҳлили шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ, муқоисаи қонунгузории миллӣ бо хориҷӣ, муайян кардани мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҳияи пешниҳодоти мушаххас оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Хулосаҳои асосии диссертатсия аз он иборатанд, ки:

- фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда мешавад, аммо танзими ҳуқуқии он, хусусан дар самти ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ҳамчун

суғурташавандагон, ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад;

- шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ дорои хусусияти алеаторӣ, ҷубронӣ ва ҳимоявӣ буда, ба ду шакли асосӣ – ихтиёрӣ ва ҳатмӣ ҷудо мешаванд;

- зарурати ҷорӣ намудани фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, институти омбудсмени суғурта, ҳавасмандгардонии андозӣ, низоми стресс-тестҳо, суғуртаи киберӣ, гурӯҳӣ, масъулияти маҳсулот ва қатъи фаъолият асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ворид намудани тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ (Solvency II, IFRS 17);

- таъсиси Фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ ва Муассисаи омбудсмени суғурта;

- такмили мухлатҳои баррасии даъвоҳо ва пардохтҳо бо ҷорӣ намудани ҷаримаҳои ҳаррӯза барои таъхир;

- ҷорӣ намудани рӯйхати маҳдуди ҳолатҳои радди пардохт ва принсипи тафсири шартнома ба нафъи суғурташаванда;

- таҳия ва амалӣ намудани намудҳои нави суғурта (киберӣ, гурӯҳӣ, қатъи фаъолият, масъулияти маҳсулот, масъулияти директорон);

- ҳавасмандгардонии андозӣ ва қарзии соҳибкорон барои истифодаи суғурта.

**Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Диссертатсия мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаро ҳамчун категорияи илмӣ-ҳуқуқӣ асоснок намуда, хусусиятҳои фарққунандаи он, ҷойгоҳи он дар низоми субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ

муайян кардааст. Ҳамчунин, дар он назарияи шартномаҳои суғурта ҳамчун шартномаҳои алеаторӣ ва ҷубронӣ такмил дода шудааст.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти муаллиф метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ҳангоми такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар амалияи ташкилотҳои суғуртавӣ ва мақомоти давлатӣ (Бонки миллии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисорӣ) истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи суғурта», «Ҳуқуқи шартномаҳо» истифода гарданд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ба ҳифзи самараноки ҳуқуқи соҳибкорон ҳамчун истеъмолкунандагони хизматҳои суғуртавӣ, таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳои суғурта, баланд бардоштани сатҳи эътимоди соҳибкорон ба низоми суғурта, рушди соҳибкорӣ ва дар натиҷа, беҳбуди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмии муаллиф ба табъ расидаанд, ки 5 мақолаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои нашршуда мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Аҷиков, А.Н. Ҷанбаҳои ҳуқуқии таърихи ташакулёбии суғурта / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 2 (67). – С. 278–286.

2. Аҷиков, А.Н. Заминаҳои ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои

суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 3 (68). – С. 307-314.

3. Аҷиков, А.Н. Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Н. Аҷиков // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – № 2 (18). – С. 130-136.

4. Аҷиков, А.Н. Танзими давлатии бозори хизматрасониҳои суғурта / А.Н. Аҷиков // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – № 2 (38). – С. 251-258.

5. Сангинзода, Д.Ш., Аҷиков, А.Н. Мафҳум, аломат ва махсусияти хизматрасонии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Ш. Сангинзода, А.Н. Аҷиков // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – № 3 (74). – С. 148-154.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

6. Аҷиков, А.Н. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 193-200.

7. Аджиков, А.Н. Договор оказания страховых услуг: сравнительный анализ законодательства США, России и Китая // Материалы международной научно-практической конференции (Душанбе, 20 ноября 2025 года). – Душанбе, 2025. – С. 127-132.

8. Аҷиков, А.Н. Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара, 2025. – С. 123-127.

9. Аҷиков, А.Н. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара, 2025. – С. 180-184.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Бо вуҷуди аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалии диссертатсия, дар он баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд:

1.Нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшанванда ба талаботи навгонӣ мутобиқ нест. Мусаллам аст ки фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд ва ин рӯ нишонаҳое, ки ба фаъолияти соҳибкори хос мебошанд нисбат ба фаъолияти суғуртавӣ них дахл дорад. Бинобар ин ки фъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ мебошад нишонаҳои мустақилият ва таваккалият ҳамчун ақидаи нав баромад карда наметавонад.

2. Таъсиси омбудсмени мустақили суғурта яке аз пешниҳодҳои асосии муаллиф баҳисоб меравад. Аммо ин нуқтаи назар то андозае баҳснок баназар мерасад. Агар таъсиси чунин ниҳод дар хориҷа натиҷаҳои мусбӣ нишон дода бошад ҳам аммо барои бозори хизматрасониҳои суғуртавии ҶТ зарурати он айни замон дида намешавад. Айни ҳол худи фаъолияти суғуртакунионӣ чандон маъмул нест. Аз суғуртакунии ҳаёт ва саломатӣ, молу мулк аксарияти шаҳрвандон худдорӣ менамоияд. Дар ин замина таъсиси омбудсмени суғурта дида намешавад.

3. Таҳия ва қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои ягонаи кодексӣ баҳснок баназар мерасад, зеро он ягонагии ҳуқуқи маданиро халалдор месозад. Шартномаи суғурта яке аз аҳдҳои

классикии ҳуқуқи маданӣ буда дар сурати аз Кодекси маданӣ гирифтани он, байни қоидаҳои умумии уҳдадориҳо ва амалияи суғурта кандашавӣ ба вуҷуд меояд. Аз тарафи дигар, бозори суғуртавӣ зуд тағйирёбанда мебошад: киберрискҳо, полисҳои рақамӣ ва намудҳои нави хизматрасонӣ пайдо мешаванд. Чи тавре ки маълум аст сатҳи баланди систематизатсияи қонунгузорӣ кодификатсия мебошад. Қонунҳо ва санадҳои танзимкунандаро метавон дар зарфи кутоҳ тағйир дод, вале пайваста ва зуд зуд ворид кардани тағйирот ба кодекс аз як тараф кори душвор ва аз тарафи дигар мақоми кодексро коста мегардонад.

Бо вучуди эродҳои зикршуда, онҳо хусусияти баҳсӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғурта аҳаммияти муҳим доранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, мақолаҳои илмии нашршуда ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

**Хулосаи ниҳоӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори

хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. (Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти банди 71 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Муқаррizи расмӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в.профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва
молиявии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷамрод Қурбон

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Қурбон Раҳимов гуз. 3-юм, хонаи № 16
Моб. тел: (+992) 918668971. Email: jamrod@mail.ru

Имзои Бобозода Ҷ.Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон ______________ Мирҷамолов М.А.
«08» ___06___ 2026 с.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел.: (+992 237) 231-08-37, 231-02-01.
Сомонаи расмӣ: www.tgfeu.tj